Замимаи 2
ба қарори ҳайати мушовараи
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ
ва идораи амволи давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «**25**» **сентябри** с. 2014

№ **81**

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ
## оид ба таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии (АТИ) лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(тавсиявӣ)

**Душанбе -2014**

## Мундарича

1. Муқаррароти умумӣ ........................................................................ 3
2. Таҳия, баррасӣ, мувофиқа ва тасдиқ намудани АТИ ........................................ 4
3. Фаслҳои асосии АТИ лоиҳа ва талабот нисбати таҳияи онҳо ........................................ 5
Фасли 1. Хулоса ........................................................................ 6
Фасли 2. Таърихи қаблӣ ва фикри асосӣ ........................................................................ 7
Фасли 3. Арзёбии вазъи бозор. Стратегияи маркетинг ........................................................................ 8
Фасли 4. Арзёбии техникӣ. Хавфҳо ........................................................................ 8
Фасли 5. Арзёбии экологӣ ........................................................................ 10
Фасли 6. Арзёбии институтсионалӣ ........................................................................ 10
Фасли 7. Арзёбии молиявӣ ........................................................................ 11
Фасли 8. Арзёбии иқтисодӣ, самаранокии амалинамоии лоиҳа, қиёси вариантҳо, хулосаҳо 12
Фасли 9. Арзёбии ҳуқуқии лоиҳа ........................................................................ 13
4. Замимаҳо ба Дастури методӣ оид ба таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................ 14
Замимаи 1 ........................................................................ 14
Ҷадвали 1-1 – Нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа ........................................................................ 14
Замимаи 2 ........................................................................ 14
Ҷадвали 2-1 – Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ........................................................................ 14
Ҷадвали 2-2 – Ҷадвали тақвимии амалинамоии лоиҳа ........................................................................ 14
Замимаи 3 ........................................................................ 15
Номгӯи намунавии намудҳои хавфҳое, ки миёни шарикони давлатӣ ва хусусӣ тақсим карда мешаванд ........................................................................ 15
Ҷадвали 3-1 – Ҷадвали хавфҳо ........................................................................ 16
Замимаи 4 ........................................................................ 17
Ҷадвали 4-1 – Хароҷоти умумии сармоягузорӣ тибқи лоиҳа ........................................................................ 17
Ҷадвали 4-2 – Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа ........................................................................ 18
Ҷадвали 4-3 – Ҳисоби ҷараёни маблағҳои пулӣ тибқи лоиҳа ........................................................................ 18
Ҷадвали 4-4 – Ҳисоби ҷараёни софи пули нақд ........................................................................ 19

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дастури методии мазкур оид ба таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастур) бо мақсади амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» (минбаъд – Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ») таҳия карда шудааст.

2. Дастури мазкур ҳолатҳои асосии таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии (минбаъд – АТИ) лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро (минбаъд – ШДБХ) муқаррар намуда, тавсияҳои ягонаро нисбат ба сохтор, мазмун, баррасӣ, мувофиқа ва барасмиятдарории АТИ лоиҳаҳое, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ омода мешаванд ва қисмати аввали лоиҳаи таҳияшавандаи ШДБХ мебошанд, муайян менамояд.

3. Мақсади Дастури мазкур ин таҳияи қарорҳои муносиб оид ба лоиҳа ва дурнамо, аз он ҷумла, сохтор ва миқёси муносиби лоиҳаи ШДБХ, тавсияҳо оид ба қарорҳои мақсадноки маркетингӣ, техникӣ – технологӣ, молиявӣ – иқтисодӣ, институтсионалӣ, экологӣ ва ғайра, оид ба муайян намудани намудҳо ва андозаи дастгирии давлатии чашмдошт дар доираи амалинамоии лоиҳа мебошад.

4. АТИ – ин омӯзиши манфиатнокии иқтисодӣ, таҳлил ва ҳисоби нишондодҳои молиявию иқтисодии лоиҳаи амалишаванда мебошад ва натиҷаҳои бо ҳуҷҷат ба расмият даровардашудаи таҳлили маркетинг ва техникию иқтисодие, ки мувофиқи мақсад будан, имконияти амалӣ намудани лоиҳа, ва қабули қарорҳои самараноки ташкилӣ, техникӣ ва иқтисодиро асоснок менамояд, дар бар мегирад.

5. АТИ аз арзёбии техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ, инчунин арзёбии хавфҳои асосӣ ва самаранокии лоиҳа, аз ҷумла пешниҳод оид ба манфиатнокӣ, таносуби нарх ва сифат ва супоридани хавфҳои техникӣ, амалиётӣ ва молиявии лоиҳаи ШДБХ иборат мебошад.

6. Вазифаҳои асосии таҳияи АТИ инҳо мебошанд:

1) арзёбии амалишавии лоиҳа – имконияти амалӣ намудани лоиҳа бо назардошти тамоми шартҳои мавҷуда ва маҳдудиятҳои хусусияти техникӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва ғайра дошта;

2) арзёбии самаранокии комили лоиҳа – санҷиши иҷрои шароитҳо: муҳимияти натиҷаҳои дастрасшаванда болотар аз муҳиммии харочоти дархостшаванда (масрафи захираҳо);

3) муқоисаи вариантҳои алтернативии амалӣ намудани лоиҳа ба мақсади асосноккунии амалинамоии лоиҳа ҳамчун варианти беҳтарин.

7. Ҳангоми таҳияи АТИ ба ғайр аз Дастури мазкур инчунин меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ШДБХ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) низ бояд ба инобат гирифта шаванд.

## 2. Таҳия, баррасӣ, мувофиқа ва тасдиқ намудани АТИ

8. АТИ лоиҳаи ШДБХ ҳангоми ташаббуси лоиҳаҳои ШДБХ таҳия карда мешавад. АТИ лоиҳаи ШДБХ метавонад асос шавад барои:

1) ташаббуси лоиҳаи ШДБХ;

2) таҳияи ҳуҷҷатҳои тендерии интихоби пешакӣ;

3) таҳияи Номгӯи объектҳои барои амалинамоии лоиҳаҳо дар доираи ШДБХ пешниҳодшаванда;

4) асоснокӣ барои гирифтани дастгирии давлатӣ.

9. Маълумоте, ки дар АТИ лоиҳа пешбинӣ шудааст, аз ҷумла нишондодҳои техникию технологӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ғайра, яке аз қисмҳои ҳуҷҷатҳои тендерӣ ҳангоми гузаронидани тендери интихобӣ ба шумор меравад.

10. Супориши техникӣ оид ба таҳияи АТИ бояд аз инҳо иборат бошад:

1) талаботи умумӣ ба АТИ, ки ҳаҷми кор оид ба таҳия намудани АТИ ва мухлатҳои иҷрои ин корҳоро (мақсад, тартиб ва мухлатҳои супоридани АТИ, хусусияти объект, нақшаи вазъи объект, экспертиза, шакл, шумораи нусхаҳо ва ғайраро) танзим менамояд;

2) асоснокии талабот ба мазмуни АТИ лоиҳаи ШДБХ (мутобиқи талаботе, ки нисбати қисмҳои АТИ тибқи ҳамин Дастур тартиб дода мешаванд);

3) талаботи тахассусӣ ба таҳиякунандаи эҳтимолии АТИ.

11. Шарики давлатӣ пешниҳодҳоро ба мақоми ваколатдори давлатӣ – Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ (минбаъд – МВД) ирсол менамояд. МВД пас аз таҳлил интихоби пешниҳодҳоро анҷом медиҳад. АТИ лоиҳа дар асоси натиҷаи интихоби пешниҳодҳо таҳия карда мешавад.

12. Пешниҳодҳо оид ба объектҳое, ки ба моликияти коммуналӣ тааллуқ доранд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва мувофиқа карда мешаванд.

13. Дар асоси натиҷаҳои интихоби пешниҳодҳо, ташкилоти фармоишгар (минбаъд – ТФ) таҳияи АТИ лоиҳаҳоро мутобиқи супориши техникӣ, бо истифода аз захираҳои худӣ ва ё бо ин мақсад ҷалб намудани ташкилотҳои махсус (ташкилотҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра) таъмин менамояд.

14. Асос барои таҳияи АТИ лоиҳа фармоиши роҳбари ТФ-е (шарики давлатие) мебошад, ки лоиҳаи ШДБХ-ро пешниҳод намудааст.

15. Бо фармоиши роҳбари ТФ муайян карда мешаванд:

1) шахсони масъул барои таҳияи АТИ лоиҳа аз ҷониби ТФ ва ташкилоти махсус, дурустии маълумоти дар ҳисобу китоб истифодашаванда ва ғайра;

2) тартиби ҳамкориҳо байни сохторҳои таркибии худи ТФ ва миёни онҳову ташкилоти машваратӣ ҳангоми таҳияи АТИ;

3) зарурати ҷалби дигар мақомот ва ташкилотҳо барои таҳияи АТИ;

4) сметаи хароҷот барои иҷрои корҳо ва сарчашмаи маблағгузорӣ;

5) муҳлатҳои таҳияи АТИ.

16. ТФ бояд АТИ лоиҳаро тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ШДБХ» бо МВД ва Шӯро оид ба ШДБХ мувофиқа намояд.

17. МВД ташхиси АТИ лоиҳаҳои интихобшударо тибқи Тартиби гузаронидани экспертизаи АТИ лоиҳаҳои ШДБХ анҷом медиҳад.

18. Шӯро оид ба ШДБХ дар ҷаласаи хеш АТИ ниҳоиро баррасӣ ва яке аз қарорҳои зеринро қабул менамояд:

1) онро тасдиқ менамояд;

2) онро барои такмил пас мегардонад;

3) онро рад менамояд. Дар ҳолати рад гардидани АТИ, лоиҳа тибқи ШДБХ амалӣ карда намешавад.

19. АТИ лоиҳа, ки барои такмил баргардонида шудааст, бояд бо назардошти эродҳо ва пешниҳодҳои дар хулосаи ташхиси МВД ва/ё қарори Шӯро оид ба ШДБХ пешбинишуда, таҳрир карда шавад.

20. АТИ мувофиқашуда, тибқи тартиби муқарраргардида, аз ҷониби ТФ тасдиқ карда мешавад.

### 3. Фаслҳои асосии АТИ лоиҳа ва талабот нисбати таҳияи онҳо

21. Дар АТИ лоиҳа бояд арзёбии алтернативӣ, ҳисоби вариантҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла қарорҳои меъморию сохтмонии ҷиддӣ, самаранокии сармоягузорӣ, инчунин иттилоот оид ба оқибатҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва дигарҳо ҳангоми сохтмон (таҷдид) ва истифодабарии объект инъикос шаванд.

22. Самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ бо мақсади амалӣ намудани лоиҳа бояд бо ҳисобҳои дахлдор ва қиёс намудан бо лоиҳаҳои монанд, дар ҳолати мавҷуд будани чунин лоиҳаҳо, тасдиқ карда шавад.

23. Вобаста ба хусусияти лоиҳаҳо мумкин аст, ки баъзе фаслҳои иловагӣ ва ё зерфаслҳое, ки ба муфассалтар фаҳмонда додани қарорҳои дар доираи АТИ лоиҳаҳо қабулшуда имконият медиҳанд, илова карда шаванд.

24. Талабот ба қарорҳои меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонии АТИ лоиҳаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ муайян карда мешавад.

25. Ба сохтори АТИ дохил мешаванд:

1) варақаи унвон;

2) мундарича;

3) қисми тавсифии АТИ;

4) замимаҳо;

5) маводҳои маълумотӣ ва дигар маводҳое, ки маълумоти ибтидоиро тасдиқ менамоянд.

26. Дар варақаи унвон дарҷ мешаванд:

1) номи:

а) лоиҳаи ШДБХ;

б) мақомоти (ташкилоти) давлатӣ – ташаббускори лоиҳа (АТИ лоиҳа);

в) ташкилот – таҳиякунандаи АТИ лоиҳа.

2) имзои роҳбари мақомоти (ташкилоти) давлатӣ ва ташкилоти таҳиякунандаи АТИ, ки бо муҳр тасдиқ карда шудаанд;

3) санаи тасдиқи АТИ лоиҳа.

27. Дар мундарича номгӯи фаслҳои асосии АТИ, замимаҳои он дарҷ гардида, ба саҳифаҳо ишора карда мешавад.

28. Қисми тавсифии АТИ бояд аз фаслҳои асосии зерин иборат бошад:

1) «Хулоса»;

2) «Таърихи қаблӣ ва фикри асосӣ»;

3) «Арзёбии вазъи бозор. Стратегияи маркетинг»;

4) «Арзёбии техникӣ. Хавфҳо»;

5) «Арзёбии экологӣ»;

6) «Арзёбии институтсионалӣ»;

7) «Арзёбии молиявӣ»;

8) «Арзёбии иқтисодӣ, самаранокӣ, қиёси вариантҳо»;

9) «Арзёбии ҳуқуқӣ».

29. Замимаҳо ба АТИ лоиҳа аз ҷадвалҳо, расмҳо, нақшаҳо, харитаҳои маҳалҳо ва дигар маводҳое, ки иттилооти дар АТИ лоиҳа дарҷшударо тасдиқ менамоянд, иборатанд.

### Фасли 1. Хулоса

30. Дар хулоса иттилооти мухтасар оид ба лоиҳа оварда шуда, дар қарорҳои лоиҳавии асоснокшуда, ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва хулосаҳои асосию тавсияҳо дар хусуси зарурати амалӣ намудани лоиҳа бо назардошт ва ё бе

назардошти чораҳои расонидани дастгирии давлатӣ нишон дода мешавад. Мундариҷаи Хулоса бояд моҳияти АТИ лоиҳаро дар шакли мухтасар баён намояд. Нишондодҳои он (маълумоти ибтидоӣ, нишондодҳо ва натиҷаҳои банақшагирифташаванда) бояд ба сохтори худи АТИ мутобиқат намояд.

31. Хулосаи АТИ бояд инҳоро дар бар гирад:

1) номи лоиҳа;

2) мақсади лоиҳа;

3) ташаббускори лоиҳа;

4) арзиши умумии банақшагирифташавандаи лоиҳа;

5) барномаи истеҳсолӣ;

6) маҳсулоти (хизматрасонии) лоиҳа, саҳми он дар иқтисодиёти кишвар (вилоят, шаҳр, ноҳия);

7) маҳалли амалӣ намудани лоиҳа;

8) гурӯҳҳои мақсаднок (кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, хизматчиён, ҳайати кормандони ташкилот, кормандони соҳаи сохтмон, истифодабарандагони маҳсулот ва ғайра);

9) муҳлати амалӣ намудани лоиҳа;

10) сарчашма ва маблағи таҳияи АТИ.

32. Ба ғайр аз бандҳои дар боло зикршуда дар хулоса ба таври илова нишондодҳои асосии лоиҳа (тибқи ҷадвали 1-1 Замимаи 1) баён карда мешаванд.

## Фасли 2. Таърихи қаблӣ ва фикри асосӣ

33. Дар ин фасл эҳтимоли татбиқи лоиҳа дар шароитҳои мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ, табиию иқлимӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо ифода карда мешавад.

34. Дар ин фасл баён карда мешавад:

1) фикри (идеяи) лоиҳа, ки дар он нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа (маҳсулот, иқтидорҳо, тамоюли бозории лоиҳа) номбар карда мешаванд;

2) таърихи лоиҳа (тадқиқоти пештар гузаронидашуда, хулосаҳои баровардашуда, вариантҳои алтернативии лоиҳа);

3) мувофиқи мақсад будани татбиқи лоиҳа;

4) мақсад ва стратегияи лоиҳа;

5) ташаббускори лоиҳа;

6) бо инфрасохтор таъмин будан;

7) фазои сармоягузорӣ;

8) доираи таъсири лоиҳа ба муҳити атроф.

35. Дар ин фасл инчунин проблемаи соҳа (кишвар), ки ҳалли он ба воситаи амалӣ намудани лоиҳа имкон дорад, муайян карда мешавад, ҳамчунин тамоми вариантҳои имконпазири ҳалли проблемаи дахлдор (расидан ба ҳадафи лоиҳа), ки тибқи он дар ҳар як фасли минбаъдаи АТИ лоиҳа таҳлили қиёсӣ гузаронида мешавад, нишон дода мешаванд.

**Фасли 3. Арзёбии вазъи бозор. Стратегияи маркетинг**

36. Ин фасл арзёбии талаботи мавҷуда ва ояндаро нисбат ба маҳсулоти (хизматрасонии) эҳтимолии лоиҳа ва ҳаҷми фурӯши он инъикос менамояд.

37. Ифодаи арзёбии вазъи бозор бояд инҳоро дар бар гирад:

1) таҳлили ҳаҷм, намуд ва нархҳои маҳсулотеро (хизматрасоние), ки бо назардошти вазъи ҷорӣ дар соҳа (маҳал) истеҳсол (пешниҳод) карда мешавад;

2) арзёбии талаботеро, ки таҳлили ҳаҷм, намуд ва нархҳои маҳсулоте (хизматрасониҳое), ки дар натиҷаи амалӣ намудани лоиҳа истеҳсол (истеъмол) карда мешаванд, дар бар мегирад;

3) истеъмолкунандагони асосиро;

38. Маълумоте, ки барои гузаронидани арзёбии бозори мақсаднок, усулҳои алтернативии арзёбии маълумот ва муайян намудани талаботи оянда зарур мебошанд (масалан, усулҳои тадқиқот – таҳлили системавӣ, қиёсӣ, меъёрӣ, ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ, усули ҷамъбаст намудан) бояд номбар карда шаванд. Инчунин зарур аст, ки дурнамо оид ба ҳаҷми фурӯш омода карда шавад.

39. Дар асоснокии стратегияи маркетинг инҳо дарҷ мешаванд:

1) сиёсат оиди хизматрасонӣ;

2) хароҷот барои маркетинг ва реклама;

3) чорабиниҳои тавсияшаванда оид ба пешниҳоди маҳсулот (хизматрасонӣ) дар бозорҳо.

**Фасли 4. Арзёбии техникӣ. Хавфҳо**

40. Дар ин фасл ҳар гуна қарорҳои техникию технологӣ оид ба амалӣ намудани лоиҳа, барномаи истеҳсолии ташкилот, самти лоиҳавӣ – сохтмонӣ дар таъсиси объект, арзёбӣ ва тақсими хавфҳо инъикос меёбад.

41. Маълумоти ибтидоӣ доираи ҳисоб (сол), санаи оғози амалинамоии лоиҳа, асъори ҳисоб ва санаи таҳияи АТИ лоиҳаро дар бар мегирад.

42. Фасли мазкур бояд дар бар гирад:

1) маҳали ҷойгиршавии объектро, муайяннамоии майдончаро барои сохтмони объект, мавқеи ҷойгиршавии сарчашмаҳо ва дастраскунандагони ашёи хомро, истифодабарандагони маҳсулот ва

хизматрасониро, наздикӣ ба инфрасохтори муҳандисию нақлиётиро. Лоиҳа бояд на танҳо корҳои вобаста ба майдонча, ки дар он корхона ҷойгир карда мешавад, балки инчунин ҳамаи дигар намудҳои фаъолиятеро, ки барои ташкил намудани таъмини захираҳо ва расонидани маҳсулот, инчунин таъмини маблағ барои ташкили инфрасохтори ёрирасон зарур мебошанд, фаро гирад;

2) тавсифи васеъи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ – сметавиро (пешакӣ муайян намудани чаҳорчӯбаи (доираи) лоиҳа, технологияи истеҳсолот ва таҷҳизот, объектҳои сохтмони манзил, ки барои фаъолияти муътадили корхона зарур мебошанд ва ғайра);

3) асоснокии иқтидори лоиҳаро бо назардошти қарорҳои техникию технологии қабулшуда;

4) таҳияи барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти дар шакл натуралӣ ва пулиро (тибқи ҷадвали 2 – 1 замимаи 2 тартиб дода мешавад);

5) асоснокии интихоби технология ва таҷҳизотро, мутобиқат ба стандартҳои ҷаҳониро, таносуби муносиби «нарх – сифат»-ро, истифодаи ноу – хауро; арзёбии вариантҳои муносиб ва интихобшудаи технологияҳоро;

6) тавсифи қарорҳои гуногуни техникию технологии амалинамоии лоиҳаро;

7) бо иншооти муҳандисӣ таъмин будани лоиҳаҳоро, аз ҷумла мавҷуд будани даромадгоҳҳои нақлиётӣ ва воситаҳои таъмини барқ, гармӣ, об ва корез, биноҳои анборро;

8) ҷадвали амалинамоии лоиҳаро, ки давраи сохтани (сохтмони) объектро аз рӯи солҳои амалинамоӣ бо нишон додани пайдарҳамии ҷадвалӣ ва давомнокии марҳилаҳо инъикос менамояд (тибқи ҷадвали 2 – 2 замимаи 2 тартиб дода мешавад);

9) арзёбии гурӯҳҳои хавфҳоро, ки бо қисми техникию технологии амалинамоии лоиҳа алоқаманд мебошанд, хусусияти эҳтимолии принсипи тақсимоти хавфҳоро, чорабиниҳои эҳтимолӣ оид ба паст намудани хавфҳоро.

43. Хавфҳое, ки ба лоиҳаи ШДБХ хос мебошанд, тибқи замимаи 3 Дастури мазкур муайян карда мешаванд.

44. Асос барои тақсим намудани хавфҳо миёни шарикони хусусӣ ва давлатӣ «Номгӯи тахминии намудҳои асосии хавфҳо, ки миёни шарикон тақсим карда мешаванд», инчунин «Ҷадвали хавфҳо» мебошад, ки натиҷаҳои арзёбии тамоми хавфҳо, муайян намудани шаклҳои идоракунии онҳо, масъулияти шарикон барои бартараф намудани оқибатҳои онҳоро тибқи замимаи 3 ва ҷадвали 3 – 1 дар бар мегирад.

45. Тақсимкунии хавфҳои лоиҳа тибқи принсипҳои зерин анҷом дода мешавад:

1) тақсими одилонаи хавфҳо миёни шарикони давлатӣ ва хусусӣ ба шарти вогузор намудани хавф ба тарафе, ки беҳтар  ва бо харҷи камтарин онҳоро идора карда метавонад;

2) бо назардошти хусусиятҳои хоси иҷрои лоиҳа;

3) бо назардошти имкониятҳои шарик оид ба гузаронидани  арзёбӣ ва анҷом додани назорат аз болои сар задани хавфҳо ва таъсири онҳо ба иҷрои шартҳои Созишнома дар бораи ШДБХ, саривақт андешидани чораҳо оид ба идора намудани онҳо.

46. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани хавфи муайян, намуди хавф нишон дода шуда, масъулият барои бартараф намудани оқибати он ба зиммаи шарики хусусӣ ва ё шарики давлатӣ вогузор карда мешавад ё ин ки миёни шарикони давлатӣ ва хусусӣ мутобиқан тақсим карда мешавад.

47. Барои кам кардани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфҳо аз ҷониби тарафҳо чорабиниҳои дахлдор амалӣ карда мешаванд (намудҳои чорабиниҳо нишон дода мешаванд).

### Фасли 5. Арзёбии экологӣ

48. Ин фасл таъсири экологии қарорҳои техникии дар доираи амалисозии лоиҳа қабулшуда, мутобиқати онҳо бо меъёрҳои экологӣ ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиатро иникос менамояд.

49. Арзёбии таъсир ба муҳити атроф дар АТИ лоиҳа мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

50. Ин фасл бояд инҳоро дар бар гирад:

1) арзёбии таъсири лоиҳаро ба ҳолати муҳити зист, арзёбии зарари экологиро ҳангоми амалӣ намудани лоиҳа ва чорабиниҳои эҳтимолӣ оид ба кам намудани таъсири манфии он;

2) чорабиниҳои дар лоиҳа пешбинишавандаро барои беҳтар намудани вазъи экологӣ (дар ҳудуди ноҳия, шахр, вилоят, ҷумҳурӣ).

51. Ҳангоми интихоби қарорҳои лоиҳавӣ ва техникӣ бояд танҳо он қарорҳое интихоб шаванд, ки ба меъёрҳои экологӣ мутобиқат менамоянд ва ё аз меъёрҳои амалкунанда боло мебошанд.

### Фасли 6. Арзёбии институтсионалӣ

52. Фасли институтсионалӣ бояд масъалаҳоеро инъикос намояд, ки ба сохтори ташкилии ташкилоти таъсисёбанда, идоранамоии лоиҳа, сохтори идоракунии ҳайати кормандон, идора намудани истеҳсолот ва чорабиниҳои ташкилӣ дахл доранд.

53. Ин фасл бояд нақшаи (нақшаҳои) идоракунии лоиҳаро дар муддати давраи амали он, бо тавсифи асосҳои ҳуқуқӣ ва сохтори идоракунии он дар бар гирад. Идора намудани лоиҳа дар марҳилаи омода ва амалӣ намудани лоиҳа ва истифодабарии объекти лоиҳа анҷом дода

мешавад. Дар ин фасл тавсифи чорабиниҳо оид ба идора намудани лоиҳа нишон дода мешавад.

54. Дар ҳолати тибқи лоиҳа сохта шудани нақшаи нави институтсионалӣ, зарур аст, ки асоснокии сохтани ин нақша бо гузаронидани таҳлили қиёсии вариантҳои алтернативии нақшаҳои идоракунии лоиҳа пешбинӣ карда шаванд.

55. Дар ин фасл шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти таъсисшаванда тавсиф карда мешавад.

56. Сохтори ташкилии идоракунии ширкати лоиҳавӣ, одатан, метавонад тибқи принсипи функсионалӣ сохта шавад (маъмурият, маркетинг, истеҳсолот, истифодабарӣ, қисми ёрирасон ва ғайра).

57. Иттилоот дар бораи иштирокчиёни эҳтимолии лоиҳа, чӣ ба ҳайати ташкилоти оянда дохилшаванда, ва чӣ дар асоси шартнома амалкунанда (ном, намудҳои асосии фаъолият, таҷрибаи корӣ ва ғайра) нишон дода мешавад.

58. Ҳамкории иштирокчиён чи дар дохили ташкилот ва чӣ бо дигарон баён карда мешавад. Ҷадвали ҳамкориҳои ташкилот бо идораҳои соҳавӣ ва иқтисодию молиявӣ, инфрасохторҳои институтсионалӣ (Маркази ШДБХ, фондҳо, ташкилотҳои машваратӣ, суғуртавӣ ва ғайра), ташкилоти кредитию молиявӣ, аз он ҷумла ҷомеаи соҳибкорони байналмилалӣ, оварда (замима карда) мешавад.

## Фасли 7. Арзёбии молиявӣ

59. Амалӣ намудани лоиҳа як қатор марҳилаҳо, аз музокирот ва бастани созишнома, таҳияи лоиҳа ва маблағгузории он то сохтмон ва ба истифода додани онро дар бар мегирад.

60. Мутобиқи мундариҷа дар фасли мазкур дарҷ карда мешаванд:

1) хароҷот ва даромадҳои молиявӣ (сармоявӣ);

2) тақсимоти талабот ба маблағгузорӣ аз рӯи марҳилаҳои лоиҳа;

3) сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа;

4) ҷадвал (бо ва ё бе дастгирии давлатӣ) ва сохти молиявии амалинамоии лоиҳа.

61. Фасли мазкур бояд инҳоро дар бар гирад:

1) хароҷоти умумии сармоягузорие, ки ҳамчун маблағи ҳосили ҷамъи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (хароҷоти асосӣ ) бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва хароҷот барои афзоиши софи сармояи гардон муайян карда мешаванд. Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ захираҳое мебошанд, ки барои сохтмон, таҷдид, хариду насби таҷҳизот ва амалӣ намудани дигар чорабиниҳои пеш аз истеҳсолӣ заруранд, ва афзоиши софи сармояи гардон захираҳои иловагие мебошанд, ки барои истифодабарии онҳо заруранд. Маълумоти умумӣ оид ба хароҷоти сармоявии лоиҳа дар намуди ҷадвали 4 – 1 замимаи 4 ва сарчашмаҳои

маблағгузории онҳо бошад, дар намуди ҷадвали 4 – 1 замимаи 4 пешниҳод карда мешаванд. Ҳисоби талабот ба сармоягузорӣ бояд барои ҳар як намуди хароҷот гузаронида шавад.

2) намудҳо ва ҳаҷми маблағгузории муштарак аз буҷети ҷумҳуриявӣ (маҳалӣ). Аз рӯи намуди иштироки давлатӣ дар лоиҳа, асоси пешниҳоди чораҳои дастгирии давлатӣ (санади меъёрии ҳуқуқӣ, қарор, дигар ҳуҷҷат), инчунин ҳаҷми пешбинишавандаи маблағгузории муштарак аз буҷети ҷумҳуриявӣ (маҳалӣ) нишон дода мешаванд;

3) ҳисоб хароҷоти истеҳсолӣ (хароҷоти истифодабарӣ) тибқи тартиби ҷорӣ;

4) арзёбии молиявии лоиҳа, ки инҳоро дар бар мегирад:

а) ҳисоб даромадҳо аз фурӯш, ҳисоби даромади соф;

б) ҳисоб ҷараёни маблағҳои пулӣ (фоида аз амалӣ намудани лоиҳа, ҷараёнҳои маблағҳои он, ҳолати тавозун). Пешгӯии ҷараёни маблағҳои пулӣ, асосан, ҷиҳати бозгардонидани хароҷоти сармоягузорони лоиҳа амалӣ ва бо роҳи ҳисоби воридшавӣ ва хориҷшавии маблағҳои пулӣ аз фаъолияти ҷорӣ (амалиётӣ), сармоягузорӣ ва молиявии ташкилот тибқи солҳои амалинамоии лоиҳа анҷом дода мешавад. Ҷараёни маблағҳои пулӣ тибқи ҷадвали 4 – 3 замимаи 4 ба расмият дароварда мешавад.

5) тавсифи намудҳои асосии хавфҳо, ки ҳангоми маблағгузории лоиҳа ба вуҷуд меоянд, инчунин арзёбии сохтори шартномавӣ (қарордодӣ), ки ҳангоми тақсимоти қобили қабули хавфҳо барои қарздиҳандаҳо ҳангоми қабули қарор дар бораи маблағгузории лоиҳаҳо омили ҳалкунанда мебошад.

### Фасли 8. Арзёбии иқтисодӣ, самаранокии амалинамоии лоиҳа, қиёси вариантҳо, хулосаҳо

62. Қисмати иқтисодӣ таҳлили лоиҳаро аз нуқтаи назари таъсири он ба иқтисодиёти кишвар, самаранокӣ ва арзиши лоиҳа, қиёси вариантҳои лоиҳа ва хулосаҳоро инъикос менамояд.

63. Фасли мазкур бояд инҳоро дар бар гирад:

1) таҳлили қиёсии ҳолати иқтисодӣ дар соҳа (кишвар) ва дурнамои рушд бе истифодаи лоиҳа ва бо истифодаи он (нишондиҳандаҳои умумӣ, ҳиссаи онҳо, ҳаҷми воқеӣ ва пешгӯишаванда, сармоягузорӣ ва ғайра оварда (нишон дода) мешавад);

2) арзёбии самаранокии амалӣ намудани лоиҳа, ки ҳамчун муносибати афзоиши фоида нисбат ба хароҷоти (маблағҳои асосии) тамоми намуди захираҳои ҳамин афзоишро бамиёноварда шуморида мешавад ва ё ба муқоисаи фоидаи софи чашмдошт бо сармояҳои ба лоиҳа гузошташуда асос мeёбад.

3) ҳисоби ҷараёни софи пули накд, ки ҳамчун фарқ миёни даромади соф тибқи лоиҳа ва маблағи хароҷоти умумии сармоягузорӣ ва

пардохтҳои кредитӣ муайян мешавад. Ҳисоби ҷараёни софи пули нақд мутобиқи ҷадвали 4 – 4 замимаи 4 Дастури мазкур анҷом дода мешавад.

64. Дар асоси ҷараёни софи пули нақд нишондиҳандаҳои асосии арзёбии самаранокии амалӣ намудани лоиҳа ҳисоб карда мешаванд: даромади софи дисконтӣ, индекси даромаднокӣ, меъёри дохилии даромаднокӣ.

65. Дар фасли мазкур инчунин хулосаҳо баён гардида, самаранокии истифодаи лоиҳа ва то кадом дараҷа маблағгузории лоиҳа имконияти овардани намудҳои гуногуни фоидаро доро мебошад, дарҷ карда мешаванд.

### Фасли 9. Арзёбии ҳуқуқии лоиҳа

66. Қисми арзёбии ҳуқуқии лоиҳаи ШДБХ инҳоро дар бар мегирад:

1) таҳлили ҳуқуқҳо ба амвол ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқро;

2) таҳлили масъалаҳои рушд ва такмили ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ ва заминаи меъёрии маҳаллиро;

3) таҳлили масъалаҳои омода намудани қитъаи заминро (муайян намудани мавҷудият ва вазъи қитъаи замин барои объекти сохтмон, дар ҳолати зарурат гузаронидани расмиёти ҷудо намудани қитъаи замин, бақайдгирии ҳуқуқҳо ба қитъаи замин);

4) муайян намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ, мушкилиҳо ва маҳдудиятҳо ба объекти ШДБХ-ро, инчунин дигар объектҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ ва ё технологӣ ба он вобастаро;

5) таҳияи нақшаи ҳуқуқии муносибатҳои иштирокчиёни лоиҳаи ШДБХро;

6) тавсифи хавфҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба идоракунии онҳоро;

7) таҳияи таъмини шартномавии амалисозии лоиҳаи ШДБХро, аз он ҷумла лоиҳаи созишномаро;

8) таҳияи фаслҳои ҳуҷҷатҳо оид ба гузаронидани тендерро (минбаъд – ҳуҷҷатҳои тендерӣ) (лоиҳаи созишнома, ҳуҷҷатҳои муқарраркунандаи ҳуқуқ барои ҳалли масъалаҳои тендерӣ, расмиёти гузаронидани тендер ва дигар фаслҳо);

9) тартиби гузаронидани музокирот бо шарики хусусии эҳтимолиро бо мақсади муҳокима намудани шартҳои созишнома (ҳангоми бастани созишнома бе гузаронидани тендер).

## 4. Замимаҳо ба Дастури методӣ оид ба таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Замимаи 1**

**Ҷадвали 1-1 – Нишондиҳандаҳои асосии лоиҳа**

| р/т | Номи нишондиҳандаҳо | Дар маҷмӯъ дар лоиҳа | Тибқи давраҳои (солҳои) амалинамоии лоиҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1 | Хароҷоти умумии сармоягузорӣ: | | | | | |
| 2 | Пардохти қарзҳо (кредитҳо) | | | | | |
| 3 | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | | | | | |
| 4 | Намудҳо ва ҳаҷми эҳтимолии дастгирии давлатӣ | | | | | |
| 5 | Маблағи аз амалӣ намудани маҳсулот бадастомада | | | | | |
| 6 | Шумораи миёнаи руйхати кормандон | | | | | |
| 7 | Нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳа: | | | | | |
| | 1) муҳлати хароҷотбарории лоиҳа | | | | | |
| | 2) даромади соф | | | | | |
| | 3) меъёри дохилии даромаднокӣ, % | | | | | |
| | 4) индекси даромаднокӣ, % | | | | | |

**Замимаи 2**

**Ҷадвали 2-1 – Барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот**

| р/т | Номи нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Тибқи солҳои амалинамоии лоиҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1 | Истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ: | % | | | | |
| 2 | Ҳаҷми солона дар намуди аслӣ тибқи номгӯи гурӯҳҳои асосӣ | Адад | | | | |
| 3 | Ҳаҷми солонаи истеҳсол дар намуди арзиши он | Воҳиди шартӣ (в.ш.) | | | | |
| 4 | Пули аз фурӯши маҳсулот ба даст омада | в.ш. | | | | |
| 5 | Ҳиссаи пули аз фурӯши маҳсулоти нав ба даст омада дар пули умумии ба даст омадаи корхона | % | | | | |

**Ҷадвали 2-2 – Ҷадвали тақвимии амалинамоии лоиҳа**

| р/т | Марҳилаҳои амалинамоии лоиҳа | Воҳиди ченак | Ҳамагӣ тибқи лоиҳа | Сол | | | | Сол | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Семоҳаи I | Семоҳаи II | Семоҳаи III | Семоҳаи IV | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1.** | Тадқиқот ва арзёбӣ пеш аз сармоягузорӣ | в.ш. | | | | | | | | |
| | 1) Тадқиқи бозор, маркетинг | в.ш. | | | | | | | | |
| | 2) Таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-сметавӣ | в.ш. | | | | | | | | |
| | 3) Сертификатсияи маҳсулот, гирифтани иҷозатнома | в.ш. | | | | | | | | |
| **2.** | Харидорӣ ва насби таҷҳизот | в.ш. | | | | | | | | |
| **3.** | Боҷҳои гумрукӣ | в.ш. | | | | | | | | |
| **4.** | Корҳои сохтмонӣ – васлкунӣ | в.ш. | | | | | | | | |
| **5.** | Корҳои бакорандозӣ-танзимгарӣ | в.ш. | | | | | | | | |
| **6.** | Истифодабарии объект | в.ш. | | | | | | | | |
| **7.** | Азхудкунии иқтидорҳои истеҳсолӣ | % | | | | | | | | |
| **8.** | **Ҳамагӣ:** | в.ш. | | | | | | | | |
| **9.** | Кредит: гирифтан, пардохтан | в.ш. | | | | | | | | |

Марҳилаҳои амалинамоии лоиҳа дар ҷадвал барои ҳар семоҳа бо нишон додани арзиши ҳар як марҳила ишорат карда мешаванд.

**Замимаи 3**

**Номгӯи намунавии намудҳои хавфҳое, ки миёни шарикони давлатӣ ва хусусӣ тақсим карда мешаванд**

Гурӯҳҳои зерини хавфҳо вобаста ба лоиҳаҳои ШДБХ фарқ карда мешаванд:

1. Хавфҳои пеш аз лоиҳавӣ – хавфҳои вобаста ба:

1) иҷрои корҳои лоиҳавӣ ва кашшофӣ;

2) гирифтани иҷозатномаҳо, сертификатҳо, иҷозатҳо ва гузаронидани мувофиқаҳои зарурӣ то марҳилаи оғози сохтмони бевосита тибқи лоиҳа ва ғайра;

3) хавфҳои сохтмонӣ – тарҳкашӣ ва тайёрнамоӣ – корхонавӣ, – хавфҳои вобаста ба:

а) сохтмон (бино) ва таҷдид намудани объекти созишнома дар бораи ШДБХ;

б) гузаронидани муҳлати таъмини маҳсулот ва маводҳо;

в) риоя нашудани меъёрҳои қабулшуда ва муҳлатҳои супоридани марҳилаҳои сохтмон ва ғайра.

2. Хавфҳои истифодабарӣ – хавфҳои истифодабарӣ ва хизматрасонии техникие, ки дар ҷараёни истифодабарии объекти созишнома ба вуҷуд меоянд ва вобастаанд ба:

1) нуқсонҳо, бад шудани ҳолат, хароб ва ё кӯҳнашавии объекти зикршуда, сифати маҳсулот;

2) сармоягузорӣ ва (ё) пардохтҳои бемаврид ва ё нопурра;

3) иҷрои корҳо (расонидани хизматҳо) дар ҳаҷми камтар аз ҳаҷми пешбининамудаи созишнома, ва ё бо сифати номувофиқ;

4) риоя нагардидани муҳлатҳо ва тартиби иҷрои корҳо (расонидани хизматҳо) ва ғайра.

3. Хавфҳои макроиқтисодӣ ва молиявӣ – тағйирёбӣ ва ё ноустувории назаррасӣ:

1) тарифҳо;

2) нархҳои ашёи хом, маводҳо ва нерӯи барқ;

3) сатҳи таваррум;

4) суръати афзоиши иқтисодӣ;

5) миқдори андоза;

6) тағйироти иқтисодӣ – демографӣ ва ғайра.

4. Хавфҳои асъорӣ – хавфҳои вобаста ба:

1) ноустувории асъор;

2) тағйирёбии ҷиддии қурб ва имкониятҳои бемамониати хариду фурӯши асъори хориҷӣ, ки барои амалӣ намудани уҳдадориҳо тибқи созишнома заруранд ва ғайра.

5. Хавфҳои сиёсӣ – хавфҳои вобаста ба:

1) тағйирёбии сиёсати давлатӣ;

2) мусодира ва ё дигар тарзи мусодираи маҷбурии амвол;

3) даст кашидани шарики давлатӣ аз иҷрои шартҳои шартнома бинобар тағйир ёфтани афзалиятҳои шарикӣ;

4) номувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра.

6. Хавфҳои истеъмолӣ (хавфҳои талабот) – хавфҳои вобаста ба:

1) тағйирёбии талабот ва таклифот, аз он ҷумла вобаста ба мавсим;

2) тағйирёбии ҳолати бозори хизматҳо;

3) сатҳи рақобат ва ғайра.

7. Хавфҳои экологӣ – хавфҳои вобаста ба:

1) Риоя нашудани муқаррарот ва стандартҳои ҷоринамудаи давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи муҳити зист ва ғайра;

2) расонидани зарар ба саломатии одамон ва муҳити зист;

3) садамаҳои техногенӣ ва ғайра.

8. Форс-мажор – ҳодисаҳое, ки ба ҳолатҳои новобаста аз иродаи тарафҳо алоқаманд мебошанд ва наметавонанд пешбинӣ ё ин ки пешгирӣ карда шаванд.

9. Номгӯи мазкур кушода мебошад, дар ҳолати зарурӣ тарафҳо ҳуқуқ доранд намудҳои (гурӯҳҳои) иловагии хавфҳо ё ин ки навъҳои онҳоро дар доираи як гурӯҳ қайд намоянд, агар ин барои амалӣ намудани созишнома мувофиқи мақсад бошад.

10. Мақоми давлатӣ бештар хавфҳои сиёсӣ ва қисми зиёди хавфҳои макроиқтисодиро бар дӯш мегирад, хавфҳои вобаста ба сохтмон ва истифодабарӣ бошад, ба уҳдаи шарики хусусӣ вогузор карда мешаванд . Дигар хавфҳо вобаста аз хусусияти лоиҳа метавонанд миёни Тарафҳо тақсим карда шаванд (масалан, 50 % ба 50 %, 40 % ба 60 %, 10% ба 90 %). Масъулияти оқибати хавфҳои вобаста ба форс – мажор дар бисёр ҳолатҳо миёни шарикон баробар тақсим карда мешавад.

**Ҷадвали 3-1 – Ҷадвали хавфҳо**

| Номи гурӯҳи (намуди) хавф | Дараҷаи таҳдид (паст, миёна, баланд) | Эҳтимолияти ба вуҷуд омадан (аз 0 то 100%) | Шарике, ки масъулият ба вай вогузор карда мешавад (шарики хусусӣ, шарики давлатӣ, тақсими масъулият) | Шаклҳои имконпазири идоракунии хавф | Чораҳои оид ба пешгирӣ намудани хавф |
|---|---|---|---|---|---|
| Намунаи пур намудани ҷадвал | | | | | |
| Хавфи риоя | Миёна | 5 % | Шарики хусусӣ | Таҷдиди назари шартҳои шартнома | Аз ҷониби шарики |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| нашудани мухлатҳои сохтмони объекти созишнома | | | (ширкати лоиҳавӣ) | бинобар сабаби ба вуҷуд омадани хавф, аз он ҷумла: дароз намудани мухлати амали он; аз ҷониби шарики давлатӣ ва ё хусусӣ истифода шудани воситаҳои иловагӣ, ки барои иҷрои шартҳои созишнома заруранд, дар ҳаҷме, ки шарикон муайян ва мувофиқа менамоянд; | хусусӣ пешниҳод шудани кафолати иҷро намудани уҳдадориҳ ояш тибқи созишнома; |
| … | | | | | |
| … | | | | | |

**Замимаи 4**

**Ҷадвали 4-1 – Хароҷоти умумии сармоягузорӣ тибқи лоиҳа**

| | Намудҳои хароҷоти сармоягузорӣ | Ҳамагӣ тибқи лоиҳа | Аз ҷумла дар солҳои амалинамоии лоиҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| I. | Ҳароҷоти асосӣ: | | | | | |
| 1. | Хароҷоти пеш аз сармоягузорӣ, аз ҷумла:<br>1) таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ-сметавӣ;<br>2) экспертизаи (ташхиси) лоиҳа;<br>3) гузаронидани тендер;<br>4) таҷдиди коммуникатсия;<br>5) хароҷоти вобаста ба қитъаи замин. | | | | | |
| 2. | Арзиши сметавии (ҳисобии) сохтмон, аз ҷумла:<br>1) корҳои сохтмонию васлкунӣ;<br>2) хариди ашёи хом ва маводҳо;<br>3) таҷҳизот;<br>4) боҷҳои гумрукӣ. | | | | | |
| 3 | Хароҷоти пеш аз истеҳсолӣ, аз ҷумла:<br>1) реклама, маркетинг;<br>2) сертификатсияи маҳсулот | | | | | |
| 4. | Ҳамагӣ: Хароҷоти асосӣ | | | | | |
| II. | Хароҷоти маблағҳои гардон:<br>(афзоиши сармояи гардони соф)* | | | | | |
| | ҲАМАГӢ ТАЛАБОТ БА САРМОЯГУЗОРӢ (I + II) | | | | | |

**Эзоҳ**: сармояи гардони соф аз фарқи байни дороиҳои ҷорӣ ва уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат иборат мебошад.

**Ҷадвали 4-2 – Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа**

| | Номи сарчашмаҳо | Ҳамагӣ тибқи лоиҳа | Аз ҷумла, дар солҳои амалинамоии лоиҳаи | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1. | Маблағҳои худии шарики хусусӣ (сармоягузор)<br>аз ҷумла,<br>- аз ҳисоби амалинамоии лоиҳа<br>- аз фаъолияти ширкат | | | | | |
| 2. | Маблағҳои қарзгирифта ва ҷалбкардаи шарики хусусӣ ва/ё шарики давлатӣ<br>аз ҷумла:<br>- кредитҳои бонкҳои тиҷоратӣ;<br>- қарзҳои (кредитҳои) хориҷӣ;<br>- қарзҳои (кредитҳои) ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ | | | | | |
| 3. | Захираҳои сармоягузории марказонидашуда (ба мақомоти давлатӣ ҷудо карда мешаванд)<br>аз ҷумла:<br>- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ (маҳалӣ) | | | | | |
| 4. | Ҳамагӣ тибқи сарчашмаҳои маблағгузорӣ | | | | | |

**Ҷадвали 4-3 – Ҳисоби ҷараёни маблағҳои пулӣ тибқи лоиҳа**

| | Намудҳои даромад ва хароҷот | Ҳамагӣ тибқи лоиҳа | Аз ҷумла, дар солҳои амалинамоии лоиҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1.<br>1.1.<br><br>1.2.<br>1.3.<br><br><br><br>1.4. | ВОРИДШАВИИ МАБЛАҒҲО:<br>Маблағҳои аз фурӯши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) бадастомада<br>Маблағҳои худӣ<br>Кредитҳо, қарзҳо – ҳамагӣ;<br>аз ҷумла:<br>кӯтоҳмуддат<br>дарозмуддат<br>Афзоиши қарзҳои кредиторӣ | | | | | |
| 1.5. | ВОРИДШАВИИ ПУРРАИ МАБЛАҒҲО: (ҷамъи сатрҳои. 1.1 – 1.4) | | | | | |
| 2.<br>2.1.<br><br>2.2.<br>2.3.<br><br><br>2.4.<br><br>2.5.<br>2.6.<br>2.7. | ХАРОҶОТИ МАБЛАҒҲО:<br>Хароҷот барои хариди фондҳои асосӣ<br>Афзоиши дороиҳои ҷорӣ<br>Хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (ба истиснои фарсудашавӣ )<br>Андозҳо ва пардохтҳои ғайриандозӣ аз пули бадастомада<br>Андоз аз фоида<br>Пардохти қарзи асосии кредитҳо<br>Пардохти фоизҳои кредитҳои дарозмуҳлат<br>Дигар самтҳои истифодаи фоида: | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.8. | ҳиссачудокуниҳо ба фонди истеъмолӣ<br>Суди (дивиденди) пардохтшаванда | | | | | |
| 2.10. | Хароҷоти пурраи маблағҳо<br>(ҷамъи сатрҳои 2.1 – 2.9) | | | | | |
| 2.11. | Зиёдии (касри-дефитсити) маблағҳо<br>(сатрҳои. 1.5 ва 2.10) | | | | | |
| 2.12. | Бақияи захирашаванда<br>(тибқи сатри. 2.11) | | | | | |

**Ҷадвали 4-4 – Ҳисоби ҷараёни софи пули нақд**

| | Намудҳои даромад ва хароҷот | Ҳамагӣ тибқи лоиҳа | аз ҷумла, дар солҳои амалинамоии лоиҳа | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| 1<br>1.1<br><br>1.2 | ВОРИДШАВИИ ПУЛИ НАҚД:<br>Маблағҳои аз фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) бадастомада<br>Дигар даромадҳои вобаста ба амалинамоии лоиҳа | | | | | |
| 2 | Воридшавии пурра (сатрҳои 1.1. ва 1.2.) | | | | | |
| 3<br>3.1<br><br>3.2<br>3.3<br><br>3.4<br><br>3.53<br>.6 | ХАРОҶОТИ ПУЛИ НАҚД:<br>Хароҷот барои хариди фондҳои асосӣ (сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ)<br>Афзоиши сармояи гардони соф<br>Хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (бе фарсудашавӣ)<br>Андозҳо ва пардохтҳои ғайриандозӣ аз маблағҳои бадастомада<br>Андозҳо аз фоида<br>Пардохти фоизҳои қарзҳоидарозмуҳлат | | | | | |
| 4 | Хароҷоти пурра (ҷамъи сатрҳои 3.1 – 3.6) | | | | | |
| 5 | Салдои ҷараён (ҷараёни софи пули нақд) (сатрҳои 2 ва 4) | | | | | |
| 6 | Ҳамчунин, бо натиҷаи зиёдшаванда (тибқи сатри 5) | | | | | |
| 7 | Нишон додани қиёси арзиши ояндаи пулҳо бо арзиши ҷории он:<br>Коэффитсенти дисконтӣ | | | | | |
| 8 | Воридшавии дисконтӣ (тибқи сатри 2) | | | | | |
| 9 | Хароҷоти дисконтӣ (тибқи сатри 4) | | | | | |
| 10 | Воридшавии софи пули нақди дисконтӣ (сатрҳои 8 ва 9) | | | | | |
| 11 | Ҳамчунин, бо натиҷаи афзоиш (тибқи сатри 10) | | | | | |
| 12 | Арзиши дисконтии сармоягузориҳо | | | | | |
| 13 | Ҳамчунин, бо натиҷаи афзоиш (тибқи сатри 12) | | | | | |